# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАХСУСИ МЕТОДИКАИ ТАДРИСИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ 1С БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ РАВИЯҲОИ ИҚТИСОДӢ

Арабов М.Қ.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Мо дар замоне қарор дорем, ки технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) тамоми соҳаҳои асосии фаъолияти инсониятро фаро гирифта, бахше аз зиндагии ӯ гаштааст. Бе донистан ва татбиқи ТИИ-и муосир кор кардан дар ин ё он соҳа душвор ва ё ғайриимкон мебошад. Дар замони иқтисоди бозоргонӣ, иқтисодиёт Консепсияи унсури асосии зиндагӣ ва пешрафти давлатҳо ба ҳисоб меравад. Давлатҳо ва миллатҳои муваффақ онҳое ҳастанд, ки иқтисодашон рушд карда, ба дараҷаи лозимӣ расидааст. Дар ин замина, барои инкишоф додани иқтисодиёт ба ғайр аз корхонаву коргоҳҳо, пеш аз ҳама, ба мутахассисони варзида ниёз пайдо хоҳад шуд. Дар замони муосир иқтисоддони аз ТИИ бехабарро иқтисоддон номидан ғайриимкон мебошад, зеро чунин мутахассисон дар бозори меҳнат рақобатпазир набуда, наметавонанд барои дуруст ба роҳ мондани иқтисодиёти ин ё он корхона ва ё давлат саҳм гузоранд. Пас, барои омода намудани мутахассисони варзидаи ба бозори меҳнати имрӯза ҷавобгӯ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки дар муассисаҳои олии кишвар фанҳои муосир, ки боиси гузаштан ба иқтисоди рақамӣ мегарданд, таълим дода шаванд. Яке аз ин фанҳо, фанҳои ба 1С технология вобаста ба ҳисоб мераванд. Тавре маълум аст, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти иқтисодӣ ва демография, Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва инчунин даҳҳо факултет ва ихтисосҳои ба он вобаста амал мекунанд. Мутаассифона, дар ягон ихтисоси гурӯҳҳои академӣ ТИИ-и муосир ба таври бояду шояд дарс дода намешавад. Ин, пеш аз ҳама, ба норасоии кадрҳои баландихтисос рабт дода мешавад. Норасоии кадрҳо наметавонад пеши роҳи ҷорӣ намудани ТИИ-и муосирро гирад. Барои омода намудани кадрҳо, метавон аз курсҳои бозомӯзии кадрҳо самаранок истифода намуда, дар аввал ба қадри имкон мутахассисонро омода кард. Илова бар ин, дар Интернет метавон маълумоти омӯзишии зиёдеро ба таври ройгон пайдо намуда, ба таври мустақилона аз худ кард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои ихтисосҳои ба иқтисодиёт вобаста ҷорӣ намудани технологӣ 1С зарур мебошад. Технологияҳои 1С солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷониби ширкати россиягии 1С барои автоматикунонии амалҳои иқтисодӣ, пайдо шудаанд [1, с. 8]. Маҳсулоти ширкати 1С ба забонҳои маҳаллии давлатҳои Россия, Белорусия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Гурҷистон, Молдавия, Ӯзбекистон, Руминия, Латвия, Литва, Эстония, Озарбойҷон ва ғайра маҳалласозӣ шуда, истифода бурда мешаванд. Имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсоният, ба монанди хоҷагии ҷангал ва кишоварзӣ, истеҳсолот, сохтмон, тиҷорат, анбор, логистика, нақлиёт, бахшҳои молиёт, меҳмонхонаву ресторанҳо, маориф ва маданият, тиб ва ҳифзи саломатӣ, хадамоти ҳирфаӣ, идоракунии шаҳрдорӣ, давлатӣ ва ғайра аз технологияҳои 1С васеъ истифода бурда мешаванд [2-5].

Мавриди зикр аст, ки барои дар сатҳи баланд омода намудани кадрҳои ба иқтисодиёт вобаста, зарур аст, ки фанҳои гуногуни ба ихтисосҳо ва равияҳои академии ба он алоқаманд дар муассисаҳои олии кишвар дарс дода шавад. Ба ин фанҳо метавонанд: «Асосҳои технологияи 1С», «Барноманависӣ дар муҳити 1С», «1С: бухгалтерия», «1С: идоракунии корхонаи тиҷоратӣ», «1С: молия», «1С: гардиши мол», «1С: технологияҳои анборӣ» ва ғайра шомил шаванд. Имрӯзҳо ширкатҳои зиёде барои автоматизатсиякунонии фаъолиятҳои гуногун мавҷуд буда, маҳсулоти ширкати 1С-ро вобаста ба талабот ва ниёзи корхонаҳо аз қабили: «1С: муҳосибот», «1С: маош ва идоракунии кормандон», «1С: мубодилаи ҳуҷҷат», «1С: идоракунии тиҷорат», «1С: идоракунии ширкати мо», «1С: автоматизатсиякунии комплексӣ», «1С: хариду фурӯш», «1С: маблағ, «1С: хазина», «1С: боғдорӣ», «1С: шартномаҳо», «1С: ҳисоботҳои буҷетӣ», «1С: омӯзишҳои электронӣ» ва ғайраро омода мекунанд [5].

Дар давлатҳои Россия ва Қазоқистон курсҳои омӯзиши 1С на танҳо барои донишҷӯён, ҳатто барои хонандагон низ мавҷуд мебошад. Яке аз клубҳои фаъоли соҳаи IT «1С: клуби барноманависон» ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, ширкати 1С олимпиадаҳои умумироссиягӣ ва сатҳи байналмилалидоштаро пуштибонӣ намуда, ба ғолибон тӯҳфаҳои арзанда пешкаш менамояд.

Яке аз самтҳои фаъоли истифодаи технологияи 1С соҳаи муҳосибот ба ҳисоб меравад. Тавре маълум аст, соҳаи мазкур дар замони иқтисоди рақамӣ бештар автоматизатсия карда шуда

истодааст. Яке аз системаҳои машҳури авоматизатсиякунонии соҳаи мазкур муҳити 1С («1С: Муҳосибот», «1С: Идоракунии корхона», «1С: Тиҷорат + Анбор», «1С: Музди кор +Кадрҳо» ва ғайра) ба ҳисоб меравад [1].

Новобаста аз шакли фаъолият ва мураккабияти баҳисобгирии корхонаҳо барномаҳои ширкати 1С дорои имкониятҳои зиёди автоматикунонӣ мебошанд. Илова бар ин, онҳо имкон медиҳанд, ки баҳисобгириҳои бухгалтерӣ, тиҷорати фаврӣ, анборӣ, музди меҳнат, молия ва ғайра автоматизатсия карда шаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳол аз версияҳои гуногуни маҳсулоти барномавии «1С: Муҳосибот» истифода шудааст. Айни ҳол версияи нави он «1С: Муҳосибот 8.3» ба ҳисоб меравад.

Маҳсулоти баномавии «1С: Муҳосибот 8» платформаҳои технологии «1С: Бунгоҳи тиҷорат 8» ва конфигуратсияи (ҳалли амалии) «Муҳосиботи бунгоҳи тиҷорат»-ро дар бар мегирад.

Конфигуратсияи «Муҳосиботи бунгоҳи тиҷорат» барои автоматизатсиякунонии баҳисобгириҳои бухгалтерӣ ва молия пешбинӣ шуда, дорои ҳисоботсодиркунии асосии корхона мебошад. Ҳамаи амалҳо бо дарназардошти қонунгузории ин ё он давлат амалӣ карда мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки технологияи 1С дорои ҳимояи иттилоотии муосир буда, дар он протоколҳои муосири рамзгузорӣ ворид карда шудаанд. Илова бар ин, технологияҳои 1С метавонанд дар системаҳои омилии гуногун аз қабили: Microsoft Windows, Linux, Android, Mac OS X, iOS ва ғайра кор кунанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз омилҳо ва мақсадҳои асосии хатми донишгоҳ ёфтани кори мувофиқ ба ҳисоб меравад, дар Интернет метавон ҷойҳои кории зиёде барои донандагони технологияҳои 1С пайдо кард. Бинобар ин, ҳангоми таълим додан метавон завқу ҳаваси донишҷӯёнро бо мавҷуд будани ҷойҳои кории зиёд баланд бардошт.

Тавре ки маълум аст, донишҷӯёни равияҳои ба иқтисодиёт вобаста, барноманавис намебошанд, бинобар ин, наметавон технологияҳои 1С-ро пурра ба онҳо омӯзонд. Аммо ихтисосҳое ҳастанд, ки барои онҳо омӯзондани технологияҳои 1С зарур мебошад. Ба ин ихтисосҳо метавонанд ихтисосҳои: «информатикаи татбиқӣ дар иқтисодиёт», «информатикаи тиҷоратӣ («Бизнес-информатика)», «маркетинги рақамӣ» ва ғайра шомил бошанд. Азбаски хатмкунандаҳои ин ихтисосҳо ҳамчун мутахассиси гибридӣ (таркибӣ) ба воя мерасанд, бинобар ин, онҳо метавонанд ба хубӣ аз уҳдаи омӯзиши технологияҳои 1С бароянд.

Хизматрасониҳои технологӣ ва иттилоотии аз ҷониби ширкати 1С таҳияшуда ба таври динамикӣ инкишоф ёфта истодаанд, ки дар натиҷа муҳитҳои тиҷоратии муосирро талаб мекунанд. Хизматрасониҳои 1С вобаста аз талаботи қонунгузорӣ, имкониятҳои нав ва тақозои бозори меҳнат зуд-зуд азнавсозӣ карда шуда истодаанд. Дар натиҷа, имкониятҳои нав илова гардида, интерфейси он барои кор мувофиқ карда мешаванд. Барои омӯзгорон тақрибан ҳар сол воситаи таълимии «Хизматрасониҳои 1С» интишор карда мешавад, ки дар хизматрасониҳои гуногуни он шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Васоити таълимии мазкурро метавон ба шакли коғазӣ ва электронӣ [6] дастрас кард.

Барои омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ ҳамкории зичи корхонаҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои олӣ зарур мебошад. Илова бар ин, дар қисми амалии корҳои хатм ба донишҷӯёни ба ихтисосҳои иқтисодӣ вобаста зарур аст, ки дар муҳити 1С замима таҳия кунанд. Илова бар ин, ташкил намудани озмунҳои ба хизматрасониҳои 1С вобаста низ шарт мебошад [6]. Азбаски дар кори хатми донишҷӯ хулосаи 4-соли таҳсили он инъикос меёбад, бинобар ин, зарур аст, ки озмуни «Беҳтарин кори хатм бо истифода аз хизматрасониҳои 1С» ташкил карда шуда, ғолибони озмунро бо ҳар гуна дастгирии молиявӣ сарфароз намуда, ба ҷойҳои корӣ ҷалб намуд.

Тавре ки қайд кардем, барои омода намудани мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисодиёт, ба нақшаи таълимӣ ворид намудан ва омӯзондани якчанд фанни таълимии ба технологии 1С вобаста зарур мебошад. Яке аз чунин фанҳо барои ихтисосҳои «Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт» ва «Баҳисобгирии бухгалтерӣ» барноманависӣ дар муҳити 1С ба ҳисоб меравад [2]. Фанни мазкур бояд дар курси барноманависӣ омӯзонда шуда, дорои дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва лабораторӣ бошад. Дар ҷадвали зерин номгӯи мавзӯъҳои фанни мазкур ба шакли намуна оварда шудаанд:

| № | Номи мавзӯъ | Миқдори соатҳои | | |
|---|---|---|---|---|
| | | *лексионӣ* | *амалӣ* | *лабораторӣ* |
| *1.* | ***Мавзӯи 1. ШИНОСОӢ БО МУҲИТИ 1С.*** *Насби платформа ва сохтани пойгоҳи додаҳо (ПД)-и холӣ. Шаклҳои нигоҳдории иттилоот: шакли файлӣ ва муштарӣ-сервер. 1С: бунгоҳи тиҷоратӣ ва 1С: Конфигуратор. Забони барноманависӣ дар 1С. Кор бо маълумотномаҳо. Хосияти конфигуратсияҳо. Сохтани коркарди беруна. Хатозудоӣ.* | *2* | *2* | *2* |
| *2.* | ***Мавзӯи 2. ТИПҲОИ СТАНДАРТӢ ВА ТАҒЙИРЁБАНДАҲО****.* *Типҳои стандартӣ. Амалҳои дохилкунӣ ва хориҷкунӣ. Додаҳои типи ададӣ, мантиқӣ, сатрӣ, таърихи рӯз. Функсияҳои табдилдиҳии типҳо.* | *2* | *2* | *2* |
| *3.* | ***Мавзӯи 3. АМАЛҲОИ ИДОРАКУНӢ****. Шартҳои: Если...Тогда...Иначе Если. Даврҳои: Для...Цикл. Цикл: Пока...Цикл. Рекурсияи тағйирёбандаҳо. Кор бо функсияҳо ва протседураҳо. Оператори Попытка...Исключение* | *4* | *4* | *4* |
| *4.* | ***Мавзӯи 4. АСОСҲОИ КОНФИГУРИНӢ.*** *Асосҳои конфигуратсия (доимиҳо, маълумотномаҳо, ҳуҷҷатҳо, дохилкунӣ дар мабно, журнали ҳуҷҷатҳо, додаҳои шуморишӣ, регистри тавсияи ҳисоб (сведений), регистри анбоштагӣ (накопления), нақшаи шаклҳои хислатҳо), коркарди ҳисобот, асосҳои метаиттилоотии «Умумӣ (Общие)»). Модулҳо (тағйирёбандаҳои локалӣ ва глобалӣ, модулҳо (модули форм, объект, менеджер, сеанс, барномаи корбурд ва модули умумӣ), таҳия ва истифодаи протседураҳо ва функсияҳо).* | *4* | *4* | *4* |
| *5.* | ***Мавзӯи 5. КОР БО ИДОРАКУНАНДАҲОИ ФОРМ.*** *Муҳандиси форм. Фармонҳои интерфейси формҳо. Реквизитҳо ва элементҳои формҳо. Тавассути барноманависӣ идора намудани форм.* | *2* | *2* | *2* |
| *6.* | ***Мавзӯи 6. ОБЪЕКТҲОИ НАВЪӢ.*** *Объектҳои метадодаҳо. Кор бо ҳуҷҷатҳо. Форм ҳамчун объект.* | *2* | *2* | *2* |
| *7.* | ***Мавзӯи 7. КОЛЛЕКСИЯИ ҚИМАТҲОИ УНИВЕРСАЛӢ.*** *Массивҳо. Сохторҳо. Мувофиқатҳо (Соответствие). Рӯйхати қиматҳо.* | *4* | *4* | *4* |
| *8.* | ***Мавзӯи 8. ҶАДВАЛҲО.*** *Ҷадвали қимматҳо. Қисми ҷадвалии маълумотномаҳо ва ҳуҷҷатҳо. Элементҳои ҷадвалии форм.* | *4* | *4* | *4* |
| *9.* | ***Мавзӯи 9. БА ДАСТОВАРИИ ҚИМАТҲО.*** *Мафҳуми интихоб. Кор бо дархостҳо.* | *2* | *2* | *2* |
| *10.* | ***Мавзӯи 10. РЕГИСТРҲОИ ТАСВИЯИ ҲИСОБ (СВЕДЕНИЙ) ВА АНБОШТАГӢ (НАКОПЛЕНИЯ)*** *Регистрҳои тасвияи ҳисоб ва кор бо навиштҳо. Регистрҳои тасвияи ҳисоб ва ба даст овардани иттилоот. Регистрҳои анбоштагӣ ва кор бо навиштҳо. Регистрҳои анбоштагӣ ва ба даст овардани иттилоот.* | *4* | *4* | *4* |
| *11.* | ***Мавзӯи 11. ХОРИҶ НАМУДАН Ё БАРОВАРДАНИ ИТТИЛООТ.*** *Формҳои чопӣ. Ҳисобот (ҳисоботи сода). Рӯйхатҳои динамикӣ.* | *2* | *2* | *2* |
| ***Ҳамагӣ*** | | *32* | *32* | *32* |

Ҳамин тариқ, дар ин курс донишҷӯ бо асосҳои барноманависӣ дар муҳити 1С шинос шуда, ба рӯи худ даричае аз технологияи муосирро боз мекунад. Дар оянда ин дарича барои ӯ боиси ёфтани ҷойи кори муносиб гардида, онро дар бозори меҳнати имрӯза рақобатпазир мегардонад.

Барои дуруст ба роҳ мондани дарс бояд диққати асосӣ ба корҳои амалӣ ва лабораторӣ дода шуда, ба донишҷӯён лоиҳаҳои амалии истифодашаванда, бояд пешниҳод карда шавад. Донишҷӯ метавонад ин лоиҳаҳоро ҳангоми навиштани кори хатм низ истифода барад.

Мавриди зикр аст, ки дар муҳити 1С метавон коди барномаро бо забонҳои русӣ ё англисӣ ва ё дар якҷоягӣ навишт. Фармонҳои забони мазкур ба забони гуфтугӯӣ хеле наздик мебошанд. Ҳоло якчанд фармони онро ба сифати намуна меорем.

**Мисоли 1.** Хориҷ намудани пайғоми «Салом Тоҷикистон!»

```
Процедура Салом()
Сообщить («Салом Тоҷикистон!»);
Конец Процедуры
```

**Мисоли 2.** Истифодаи дастурҳои шартӣ.

```
Если Даромад > 2000 Тогда
Результат =  «Метавон бо ин маош зиндагӣ кард»;
Иначе
Результат =  «Ин тавр зиндагӣ карда намешавад!»;
Конец Если;
```

Дар хулоса метавон қайд кард, ки омӯзиши 1С барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ зарур буда, онҳоро дар рӯҳияи эҷодкорӣ, худинкишофдиҳӣ, ҳамқадам бо технология будан ва ғайра тарбия мекунад. Дар натиҷа, барои ҷорӣ ва истифода намудани иқтисоди рақамӣ фароҳам замина оварда мешавад. Илова бар ин, хатмкунандагон бо технологияи муосир шинос гардида, дар бозори меҳнат серталаб ва рақобатпазир мегарданд. Ҳарчанд ки қадами аввали ҷорикунии ин технология душвор намояд ҳам, бо гузашти андак вақт омӯзгорон ва донишҷӯён бо ин муҳит созгор мешаванд. Қариб дар аксар муассисаҳои олии кишварамон барои ин амал замина мавҷуд мебошад, зеро дар пойгоҳи аксари онҳо маркази 1С мавҷуд буда, бо технологияҳои ҳозиразамон муҷаҳҳаз мебошад. Мутаассифона, ин марказҳо ба қадри кифоя фаъол намебошанд. Қадами аввал фаъол гардонидан ва самаранок истифода намудани ин марказҳо барои ҷорӣ намудани технологияҳои 1С дар раванди таълим мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. 1С: Зарплата и управление персоналом 8.1. – М.: КноРус, 2015. – 368 с.
2. Клепцова, О. 1С: Управление небольшой фирмой 8. Самоучитель / О. Клепцова. – М.: 1С. – Паблишинг, 2016. – 443 с.
3. Кузнецов, Владимир 1С: Предприятие 8.1. Управление торговлей. Новейший самоучитель / Владимир Кузнецов, Сергей Засорин. – М.: БХВ. – Петербург, 2016. – 384 с.
4. Куправа, Т. А. Управление торговлей 1С:8.3. Редакция 11.1. Функционал развития / Т.А. Куправа. – М.: ДМК. – Пресс, 2015. – 316 с.
5. https://vinteh.ru
6. http://konkurs.1c.ru/educational-institutions/


## БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАХСУСИ МЕТОДИКАИ ТАДРИСИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ 1С БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ РАВИЯҲОИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақола самтҳои истифодабарӣ, хусусиятҳо ва методикаи тадриси технологии 1С барои донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ бо дарназардошти талабот ба бозори меҳнат ва инкишофи иқтисоди рақамӣ мавриди баҳс қарор дода шудааст. Тавре маълум аст, дар замони иқтисоди бозоргонӣ донистани технологияҳои муосир яке аз талаботи асосӣ дар бозорӣ меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, мутахассиси соҳаи иқтисодиро бе донистани технологияҳои 1С мутахассиси замонавӣ шумоаридан ғайриимкон аст, зеро тамоми соҳаҳои фаъолияти мутахассисони соҳаи иқтисодӣ аз технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ (ТИИ)-и муосир сахт вобастагӣ дорад. Мутаассифона, дар нақшаи таълимии ихтисосҳои ба иқтисодиёт вобаста фанҳои ба ТИИ вобаста кам ба назар расида, миқдори соатҳои онҳо низ хело кам мебошанд. Бинобар ин, дар нақшаи таълимии ихтисосҳо ва равияҳои ба иқтисодиёт вобаста ворид намудани фанҳои ба монанди «Асосҳои 1С», «Барномановисӣ дар муҳити 1С», «1С: ташкилот ё бунгоҳи тиҷорат (предприятия)», «1С: муҳосибот» ва амсоли инҳо иқдоми саривақтӣ буда, заминае барои омода намудани мутахассисони ба талаботи рӯз ҷавобгӯ мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** технологияи 1С, иқтисоди рақамӣ, барномановисӣ, молия ва қарз, иқтисодиёт, донишҷӯ, хизматрасониҳо, бозори меҳнат, ТИИ, соҳаи IT.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Арабов Муллошараф Қурбонович, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи информатика ва системаҳои иттилоотии ДСРТ. Тел.: (+992) 907-38-00-99; e-mail: cool.araby@mail.ru


## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ МЕТОДИКИ ОБУЧЕНИЯ ТЕХНОЛОГИИ 1С СТУДЕНТАМ ЭКОНОМИЧЕСКИХ НАПРАВЛЕНИЙ


В статье рассматриваются области применения, особенности методики обучения технологии 1С для студентов экономических специальностей с учетом потребностей рынка труда и развития цифровой экономики. Как известно, в рыночной экономике знание современных технологий является одним из основных требований на рынке труда. В этом контексте невозможно считать экономиста современным специалистом, не зная технологии 1С. Потому что все сферы деятельности экономических специалистов сильно зависят от современных информационных и коммуникационных технологий (ИКТ). К сожалению, в учебном плане специальностей, связанных с экономикой, мало предметов, связанных с ИКТ, и количество часов также очень мало. Поэтому включение в учебный план специальностей и направлений, связанных с экономикой, таких как «Основы 1С», «Программирование в среде 1С», «1С предприятия», «1С: бухгалтерский учет» и т.п. является своевременной инициативой и служит основой для подготовки специалистов для удовлетворения потребностей дня.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** 1С технологии, цифровая экономика, программирование, финансы и кредит, экономика, студент, услуги, рынок труда, ИКТ, ИТ.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Арабов Муллошараф Курбонович, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информатики и информационных систем РТСУ. Тел.: (+992) 907-38-00-99; e-mail: cool.araby@mail.ru

## SOME FEATURES AND METHODS OF TEACHING TECHNOLOGY 1C STUDENTS OF ECONOMIC DIRECTIONS

The article discusses the areas of application, features and methods of teaching 1C technology for students of economic specialties, taking into account the needs of the labor market and the development of the digital economy. As you know, in a market economy, knowledge of modern technologies is one of the main requirements in the labor market. In this context, it is impossible to consider an economist a modern specialist without knowing 1C technology. Because all areas of activity of economic specialists are highly dependent on modern information and communication technologies (ICT). Unfortunately, there are few ICT-related subjects in the curriculum for economics majors and the number of hours is also very small. Therefore, the inclusion in the curriculum of specialties and areas related to economics, such as «Fundamentals of 1C», «Programming in the 1C environment», «1C Enterprise», «1C: accounting», etc. is a timely initiative and serves as the basis for training professionals to meet the needs of the day.

**KEY WORDS:** 1C technologies, digital economy, programming, finance and credit, economics, student, services, labor market, ICT, IT.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Arabov Mullosharaf Qurbanovich, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor of department of informatics and information systems TRSU. Phone: (+992) 907-38-00-99; e-mail: cool.araby@mail.ru